## 4. Шакли №12 – (сохтмон)
## Ҳисобот дар бораи миқдор ва истифодаи мошинҳои асосии сохтмон, ки ба баланси ташкилотҳои ҳисобот-диҳанда дохил мешаванд.

4.1. Аз рӯи шакли №12 – (сохтмон) ҳисобот тартиб медиҳанд: ашхоси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, тобеъияти идоравӣ – ташкилотҳои иҷоравии сохтмон, васлгарӣ, сохтмону васлгарӣ, таъмиру сохтмон, корхонаҳои танзимгару ба истфодадиҳанда, пармакор ва дигар ташкилотҳои пудратӣ; корхонаҳое, ки сохтмонро бо усули хоҷагӣ ба ҷо меоранд; ташкилотҳои лоиҳакашию кашфиётӣ, корхонаҳои саноатӣ, ки мошинҳои сохтмон доранд (конҳои сангу рег, заводу майдонҳои истеҳсоли маснуоти оҳану бетонӣ, заводҳои бетонӣ ва ғайра), ки ба ҳайати итиҳодияҳои ҳудуди сохтмони комбинатҳо, саридораҳо, ассосиатсияҳо, консернҳо ва дигар намудҳои иттиҳодияҳое, ки корҳои сохтмонро ба ҷо меоранд, **дохил мешаванд.**

4.2. Дар ҳисобот бояд ҳамаи мошинҳои сохтмон, ки дар руйхат пешбинӣ шудаанду ба баланси ташкилоту корхонаҳои ҳисоботдиҳанда дохил мешаванд, аз он ҷумла мошинҳои ба иҷора додашуда, ки дар сохторҳои қисматҳои он истифода мешаванду фаъолияташон ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ (саноат, наклиёт ва ғайра) дахл дорад, сабт карда мешаванд. Дар ҳисобот ҳам мошинҳои дурусту қобили истифода, амалкунанда ва ҳам мошинҳои бекор (дар таъмир, таъмир талаб, эҳтиётӣ, ҳам ба қисмҳо ҷудо карда шуда ва ғайра) дарҷ карда мешаванд.

### Фасли 1. Мошинҳои мавҷудаи сохтмон

4.3. Дар сутуни 1 нишон дода мешавад: миқдори мошинҳое, ки дар охири сол дар баланси ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда қарор доранд, дар сутуни 2 бошад, иқтидори умумии онҳо (зарфият, маҳсулотнокӣ, борбар-дорӣ ва ғайра) нишон дода мешаванд.

Иқтидори мошинҳоро дар асоси маълумотҳои дар шиносномаашон сабтшуда нишон медиҳанд. Иқтидори умумии мошинҳо дар ҳисобот дар сутуни воҳиди ченак, ки дар сутуни В нишон дода шудааст, навишта мешавад.

4.4. Дар сутуни 3 аз шумораи умумии дар сутуни 1 нишон дода шуда мошинҳое ҷудо карда мешаванд, ки дар охири соли ҳисобот мӯҳлати меъёрии фарсоишашон ба охир расидаст.

Барои муайян кардани мӯҳлати меъёрии фарсудоти мошинҳои сохтмон ба ҳисоби меъёри

пурраи ҳиссаҷудокунии фарсоиш (100 фоз) ба меъёри солонаи ҳиссаҷудокунии фарсоиши мошинҳои дахлдор тақсим карда мешавад. Масалан мӯҳлати ҳиссаҷудокунии фарсоиши булдозери трактории иқтидораш аз 76 то 108 қувваи асп рамзи сатри шакли №12 – (сохтмон) 121, ки меъёри солонаи ҳиссаҷудокунии фарсоиши он 14,3 фоиз муқаррар карда шудааст, 7 сол (100: 14,3 =6,99) мебошад.

Ибтидои ба ҳисобгирии мӯҳлати фарсоиши мошин санае ҳисоб меёбад, ки онро соҳиби аввалааш баъди аз завод баромаданаш бори аввал истифода кардааст. Агар дар давраи истифодаи мошин муваққатан эҳтиёт кардани он бо тартиби муқарраршуда расмӣ шуда бошад, дар он сурат мӯҳлати фарсоишаш ба муддати дахлдор дароз карда мешавад.

Маълумот дар бораи **ба** истифода додани мошинҳо аз варақа қайди асбобу анҷом (китоби қайд) ё шиносномаи мошинҳо гирифта мешавад.

Масалан, аз рӯи маълумоти варақаи асбобу анҷом экскаватори дизелии тасмачархи якхокандоза 1,0 метри мукааб зарфият дорад, дар рӯзи баъди аз заводи истеҳсолкунанда қабул кардан, 1- феврали соли 1980 ба истифода дода шудааст. Мӯҳлати меъёрии фарсоиши ин навъи экскаватор нӯҳ сол аст. Бинобар ин, экскаватор дар вақти тартиб додани ҳисоботи соли 1992 бояд дар сатри 103 ба назар гирифта шавад, зеро мӯҳлати муқараршудаи фарсоиши он ба охир расидааст.

4.5. Дар сутуни 4 шумораи мошинҳои кӯҳнашуда ва ба**рои** истифодаи ноқобил дар соли ҳисобот соқитшудаи сохтмон, бо тартиби муқарраршуда , нишон дода мешавад.

4.6. Дар сатри 101 маълумотҳои экскаваторҳои якбела, якхокандоза аз ҷумла экскаваторҳои ҳамворкунанда сабт карда мешаванд.

4.7. Дар сатри 112 маълумотҳо дар бораи кранҳои тасмачарх, аз он ҷумла экскаваторҳо, кранҳо дарҷ карда мешаванд. Дар ин сурат кранҳои ба трактор васл карда -шуда дар ин сатр сабт карда намешаванд.

4.8. Иқтидори умумии булдозерҳои тракторӣ дар сатри 119 бо қувваи асп ва дар сатрҳои 120 – 123 бо тонна навишта мешавад. Дар ҷадвали зер муайян кардани дараҷаи кашиши тракторҳо дарҷ шудааст:

| Навъи асосии трактор | Таиноти навъи асосӣ истифода дар сохтмон | Тавсифи мухтасари навъи асосӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Қувваи номина-лии кашиш, тонна | Иқтидори мотор, қувваи асп | Минъбад афзудани иқтидори мотор, қувваи асп |
| А | 1 | 2 | 3 | 4 |
| Трактори тас-мачархи таиноти умумии дараҷоти 6 тонна | Барои иҷрои кор-ҳои роҳҳо, сохтмо-ни роҳ ва мелио-ратсия | 6 | 108 | - |
| Трактори тас-мачархи таиноти дараҷоти 10 тонна | Ҳамчунин барои иҷрои корҳои вазнини заминкани, сохтмони роҳ ва мелоратсия | 10 | 140 | то 160 |
| Тракторҳои тас-мачархи саноатии таиноти умумии дараҷоти 15тонна | Барои иҷрои кор-ҳои вазнини замин-канӣ, сохтмони роҳ ва мелоратсия | 15 | 180 | - |
| Тракторҳои тасмачархи таи-ноти умумии дараҷоти 25 тонна | Барои иҷрои кор-ҳои вазнини замин-канӣ дар соҳаи ист-ихроҷи маъдан, дар сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ ва дигар корҳо | 25 | 300 | - |
| Тракторҳои тас-мачархи саноатии оилаи якхела-шудаи типикунон-идашуда: а) Трактори та-иноти умумии синфи 25 тонна | | 25 | 330 | то 380 |
| б) Трактори та-иноти умумии дараҷоти 35 тонна | Барои корҳои ваз-нинтари заминканӣ дар сохтмони иншо-отҳои гидротехникӣ ва дигар иншоотҳои бузург | 35 | 500 | - |

Ҷадвали дар боло овардашуда дар ҳолате истифода мешавад, ки агар дар варақаи олот ё шиносномаи мошин бо ягон сабаб маълумот дар бораи дараҷоти кашиши мошин мавҷуд набошад.

4.9. Аз сатри 135 то сатри 139 маълумотҳоро дар бораи кранҳои манорадор, ки дар шимол тайёр карда шудаанд, ҷудо мекунанд.

4.10. Дар сатри 142 олотҳои мусофирбардору борбардор нишон дода мешаванд. Дар сатри 143 маълумотҳо дар бораи миқдори олотҳои мусофирбардору борбардор, ки одаму борро ба ошёнаҳои бинои сохташаванда мебардоранд, нишон

дода мешаванд. Олотҳои борбардоре, ки танҳо барои бардоштани бор таин шудаанд, дар ин сатр ба ҳисоб гирифта намешаванд.

4.11. Дар сатри 144 нишон дода мешаванд: маълумот дар бораи миқдори олотҳои борбардори автоматии гидравликӣ ба таври гидравликӣ ва механикӣ ҳаракаткунанда, ки барои корҳои васлгарӣ ва пардоз пешбинӣ шудаанд. Олотҳои борбардор ва манораҳое, ки худгард нестанд (ядакҳо олоти васлшаванда) дар ин сатр ба ҳисоб гирифта намешаванд.

4.12. Дар сатри 145 нишон дода мешаванд: маълумот дар бораи насосҳои бетонкашӣ ва насосҳои бетонкашии автомобилӣ. Зимни ин дар сутуни 2 маълумот дар бораи маҳсулнокии миёнаи техникии шиносномавии парки ин мошинҳо сабт карда мешавад.

Масалан маҳсулнокии БН- 80 – 20 аз рӯи шиноснома дар як соат 5 – 65 метри мукаабро ташкил медиҳад ва вобаста ба масофа ва баландии бордиҳӣ танзим мешавад. Дар сутуни 2 дар сатри 145 дар сурати мавҷуд будани се адад чунин насосҳои бетонкашӣ бояд маҳсулнокии миёнаи умумии (ҷамъи) онҳо нишон дода шавад:

105 метри мукааб дар як соат = 5+65 x3



4.13. Тракторҳое, ки ба онҳо дастгоҳҳои иловагӣ васл шудаанд, инчунин тракторҳое, ки бо скреперу дигар мошинҳо якҷоя истифода мешаванд, набояд ба ҷумлаи тракторҳо (сатри 152) ҳисоб карда шаванд.

4.14. Дар сатри 153 нишон дода мешаванд: ҳамаи мошинҳои худгарди лармакунанда ва кранҳои лармакунӣ дар асоси тракторҳо, автомобилҳо, экскваторҳо, кранҳои шассиашон махсус, ки дар поя ё такя ва ғайра қарор доранду барои лармакории чоҳҳо пешбинӣ шудаанд.

4.15. Дар сатри 145 нишон дода мешаванд: маълумот дар бораи мошинҳои худгард (копраҳо) ва дастгоҳҳои (копрагии) худгард ва сайёри тасмачарх ва ҳаракаташон пневматикӣ (дар заминаи экскваторҳо, тракторҳо, автомобилҳо) ва инчунин бо роҳи оҳан ҳаракаткунанда.

4.16. Дар сатри 157 шиббаҳои ғелон, шиббаҳои худгард нишон дода мешаванд, дар сатри 158 бошад, маълумотҳои ғелоншиббаҳои амалиёташон ларзонро ҷудо мекунанд. Ба ғелоншиббаҳои ларзон ғелоншиббаҳои тамғаҳои ДУ – 47Б, ДУ – 52 ва дигар ғелоншиббаҳо, ки узвҳои кории ларзон доранд, дохил мешаванд.

4.17. Дар сатри 161 маҷмӯи дастгоҳҳои сайёри бетону маҳлуломезӣ, ки бо маҷмӯи дастгоҳҳои бетону маҳлуломезӣ дохил намешаванд, дар ин сатр сабт карда намешаванд.
4.18. Дар сатри 167 нишон дода мешаванд: дастгоҳҳои андовагарӣ (тағмаи СО -144), ки маҷмӯи мукаммали асбобу анҷоми иҷрои корҳои андовагариро доро мебошанд. Дар ин сатр танҳо дастгоҳҳои дар мошинҳои каппадор (фургон) таҷҳизонидашуда нишон дода мешаванд.
4.19. Дар сатри 169 мошинҳои барқии дастӣ нишон дода мешаванд: асбобҳои пармагарӣ, суфтагарӣ, гайкатобҳо, шуруптобҳо, болғаҳои кӯҳканӣ – сӯрохкунӣ, асбобҳои шикофкунӣ, шиббакунакҳо, арраҳо, рандаҳо, асбобҳои сӯрохкунӣ, қайчиҳо, раҳбарорҳо, ҷуякбарорҳо, ҳамаи навъҳои асбобҳои андоваю суфтагарӣ, вибраторҳо ва ғайра.

Аз сатри 169 ба сатри 170 мошинҳои андоваю суфтагарии тамғаи СО – 86А, СО – 122А ва ғайраро ҷудо мекунанд.
4.20 Дар сатри 172 ба ҳисоб гирифта мешаванд: дастогоҳҳои гарм кардану ҳамлу нақли қири бом, ки ба автомобил ё трактор ва ядак васл карда шудааст.

Дар сатри 179 аз сатрҳои 102,110,115,117,119,148,141, ва 178 маълумотҳоро дар бораи шумораи мошинҳои автоматӣ идорашаванда ҷудо мекунанд. Ба ҷумлаи чунин мошинҳо автогрейдери тамғаи ДЗ – 122 – 3, скрепери тамғаи ДЗ-77-1,ДЗ-172-3 ва дигар мошинҳои дастгоҳҳои системаи танзимкунандаи автоматӣ ва назорат аз тарафи узви кории тамғаи «Прориль - 10», «Копир - Стабилоплан» ва ва дигар системаҳо дохил мешаванд.
4.21. Дар сатри 180 сабт карда мешаванд: мошинҳои дастии пневматикӣ: асбобҳои пармагарӣ, суфтагарӣ, асбобҳои роҳабарору қайчиҳо, сунба, мошинҳои дастӣ, асбобҳои порчакунӣ.
4.22. Дар сатри 181 нишон дода мешаванд: таппончаҳои поршендори васлкунанда, ки барои ба девору асосҳои бетонӣ, оҳану бетонӣ, фӯлодӣ, хиштин, бетону дашғолӣ, бетону карамзитӣ ва дигар асосҳои сохтмон задани мехи дюбел таин шудаанд.

2.23. Дар сатри 183 ба ҳисоб гирифта мешаванд: устохонаҳои сайёри тамғаи ССТО – 3Г, МРД- ГМ – 130, ОР – 305, МТОР – СП – 6 – 0, ГОС ИНТИ ва ғайра, ки бо маҷмӯи дастгоҳҳо, асбобу анҷом, асбобҳои ташхисӣ барои устохонаи иҷрои хизмати технологӣ ва таъмири мошинҳои сохтмон дар ҷои истифодаашон зарур таҷҳизонида шудаанд.

4.24. Дар сатри 185 ба ҳисоб гирифта мешаванд: систернаҳои махсуси сӯзишворию равғанкашии зафррияташон 1400 литр ва зиёдтар, ки дар шассиҳои автомобилҳою ядакҳои тракторҳо васл карда шудаанд ва ба маҳалли муҳофизат барои бурда расонидани сузишворию равғанҳои молиданӣ, андохтани сӯзишворӣ ба мошинҳои сохтмон, ки дар объектҳо кор мекунанд, истифода бурда мешаванд.

4.25. Дар сатри 186 нишон дода мешаванд: вагон – хонаҳои сайёр, ки ба онҳо биноҳои контейнермонанд, (барои асбобу анҷом) таалуқ доранду барои сукунати муваққатии коргарон нигоҳ доштани анҷомҳои маишии идора ва эҳтиёҷоти бинокорӣ хизмат мекунанд.

4.26. Дар сатри 187 нишон медиҳанд: маълумот дар бораи шумораи болғаҳои гидравликӣ, яъне таҷҳизоти овезонӣ ба мошинҳои роҳсозӣ (экскаваторҳо), ки ба таври гидравликӣ насбшуда барои куфтан, пора кардани хоки яхкарда, замини сахт (аз он ҷумла барои пойдеворҳои кӯҳна) таин шудаанд.

4.27. Дар сатри 188 нишон медиҳанд: дастгоҳ барои сохтани пояҳои пармакорӣ, ки ба онҳо ҳамаи тамғаҳои дастгоҳҳои пармакорӣ (аз он ҷумла дастгоҳҳои ивазшаванда, ки дар ҳар баст иваз карда мешаванд) мансубанд; бо ин олот замин бо 600 мм ва зиёда аз 6 метр чуқур парма карда мешавад.

4.28. Дар маълумоти оид ба сутуни 190 иқтидори умумии муҳаррикҳои дарунсӯз ва моторҳои барқӣ, ки дар ҳамаи мошину механизмҳои бинокорӣ васл карда шуданду дар охири сол дар баланси ташкилоти ҳисобдиҳанда мебошанд, навишта мешаванд.

Ҳангоми ба ҳисобгирӣ муҳаррикҳои ҳамаи мошину механизмҳо, инчунин асбобу анҷоми механиконида, арзише, ки дар фондҳои асосӣ аз рӯи моддаи «Мошину дастгоҳҳои корӣ» ва «Асбобу анҷоми истеҳсолӣ» ба назар гирифта шудааст, сарфи назар аз ҳолаташон, ба ҳисоб гирифта мешаванд: ё кор фармуда мешуданд, дар таъмиранд, муваққатан истифода намешаванд, ба қисмҳо ҷудо карда шудаанд ва ғайра.

Мошину механизмҳои бинокорӣ, ки дар истеҳсолот ёрирасон ва дар хоҷагиҳои хизматгузор истифода мешаванд, инчунин ҳамаи намудҳои нақлиёт (автомобилҳои самосвал, нақлиёти роҳи оҳан) дар маълумоти ба сатри 190 сабт карда намешаванд.

Агар дар мошини бинокорӣ (масалан, дар эксковатор) муҳаррикҳои ҳам ҳосилкунанда ва ҳам

истеъмолкунандаи қувваи барқ васл карда шуда бошад, дар он сурат дар маълумот бояд иқтидори муҳаррикҳои танҳо истеъмолкунандаи қувваи барқ (моторҳои барқӣ) ба ҳисоб гирифта шавад.
Иқтидори муҳарикҳое, ки бо қувваи асп чен карда мешавад, бояд ба килловат гардонда шавад, барои ин иқтидор ба 0,736 (1 қувваи асп = 0,736 квт) зарб мезананд.

Фасли 2.

Истифодаи мошинҳои бинокорӣ аз рӯи вақт.

4.49. Дар сутуни 1 миқдори мошин – рӯзҳои тақвимӣ, ки дар ин муддат мошинҳо дар балансi ташкилоти ҳисобдиҳанда қарор доштанд, нишон дода мешаванд.

Мошинҳои нави дар соли ҳисобот ба ихтиёри ташкилотҳои ҳисобдиҳанда воридшуда аз рӯи воридшавиашон (омаданашон) ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар мавриди аз як ташкилот ба ташкилоти дигар додани мошин вақти омаданаш аз рӯзи тартиб додани ҳуҷҷатҳои доду гирифт ба ҳисоб гирифта мешавад.

Аз рӯи мошинҳои аз ҳисобхориҷ шуда дар ҳисобот танҳо мошин-рӯзҳои ҳақиқатан дар ихтиёри ташкилотҳои ҳисобдиҳанда будани онҳо то тартиб додани ҳуҷҷатҳои аз ҳисоб хориҷ шуда дохил карда мешаванд.

Ҳангоми ҳисоби мошин-рӯзҳои дар ихтиёри ташкилот буда, ҳамаи мошинҳои дар балансi онҳо буда, сарфи назар аз ҷои қарор доштанашон (дар кор, дар база, дар анбор, дар устохонаи таъмир ҳангоми ба дигар ҷой бурдан ва ғайра) ва ҳолати техникии онҳо (қобили истифода ё ғайри қобили истифода будан) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар зери ба ҳисобгирии мошин рӯзҳои дар ихтиёри ташкилоти ҳисобдиҳанда будани экскватор барои як сол мисол оварда мешавад.

Аз 1 январ то 30 июн ташкилот 5 экскватор дошт; 1 июл боз 2 экскватор харид; 15 август 1 экскватор ба дигар ташкилот дода, 6 экскватори боқимонда то охири соли ҳисобот дар ихтиёри ташкилоти ҳисоботдиҳанда буд. Миқдори мошин-рӯзҳои дар ихтиёри ташкилоти ҳисоботдиҳанда будани экскваторҳо дар як сол ташкил кардааст:

Аз 1 январ то 30 июн – 905 мошин- рӯз (5 экскватор 181 рӯзи тақвимӣ); аз 1 июл то 14 август – 315 мошин -рӯз (7 экскватор х 45 рӯзи тақвимӣ ); аз 5 август то 31 декабр – 834 мошин-рӯз (6 экскватор х 139 рӯзи тақвимӣ).

Миқдори умумии мошин рӯзҳои ҳамаи экскваторҳои дар ихтиёри ташкилоти ҳисоботдиҳанда буда дар як сол ташкил кард : 905+315+834= 2054 мошин-рӯз. Ин миқдор дар сутуни 1 мувофиқи сатри дахлдор нишон дода мешавад. Миқдори мошин рӯзҳои дигар мошинҳои дар ихтиёри ташкилоти ҳисоботдиҳанда буда дар як сол айнан ҳамин тавр муайян карда мешавад.

4.30. Дар сутуни 2 нишон дода мешавад: шумораи мошин-рӯзҳое, ки аз аввали сол дар ҳақиқат ҳамаи мошинҳо кор кардаанду дар балански ташкилоти ҳисоботдиҳанда мебошанд.

Мошин-рӯзи кор рӯзи кори аслии мошин ҳисоб мешавад, новобаста аз он ки мошин дар як шабонарӯз чанд соат кор кардааст, яъне кори мошин дар се баст ё камтар аз як баст як мошин-рӯз ҳисоб карда мешавад. Рӯзҳои аз як объект ба дигар объект, яъне ба берун аз майдони сохтмон бурда шудани мошин ба мошин-рӯзи кор кардаи мошинҳо дохил карда намешаванд.

4.31. Дар сутуни 3 нишон дода мешавад: тамоми вақте, ки мошинҳо дар ҳамаи намудҳои нигоҳубини техникӣ ғайр аз нигоҳубини техникии ҳармоҳа, дар таъмир (таъмири ҷорӣ, асосӣ чӣ тибқи нақша ва чи берун аз нақша) ва интизори нигоҳубини техникӣ ва таъмир буданд, сарфи назар аз он ки дар нигоҳубини техникӣ ва таъмир буданд, сарфи назар аз он ки таъмир ва нигохубини техникӣ кардааст (дар ҷои истфодабарӣ, дар устохона, дар завод). Вақти барои ба таъмир бурдан ё аз таъмир гирифтани мошинҳо, инчунин ба нигоҳубини техникӣ ба таркиби вақти дар таъмир ё ба нигоҳубини техникӣ ё интозори таъмиру нигоҳубини техникӣ будани мошинҳо ба ҳисоб гирфта мешавад.

Мӯҳлати дар таъмир ё дар интизори таъмир будани мошинҳо аз рӯи вақти тақвимӣ дар асоси маълумотҳои ба ҳисобгирӣ, ки дар ҳуҷҷати мошинҳо ва дафтари ба қайдгирии бекористии мошинҳои бинокорӣ нишон дода шудаанд ва шакли он дар замимаи ҳамин дастурамал сабт шудааст, муайян карда мешавад.

4.32. Ҷамъи мошин– рӯзҳо, ки дар сутунҳои 2 ва 3 нишон дода шудааст, аз миқдори умумии мошин-рӯзҳои дар хоҷагӣ буда (сутуни 1) дар сурате кам мешавад, ки ғайр аз бекористии мошинҳо барои таъмир ва ё дар интозори таъмир бо дигар сабабҳо бекор мондани онҳо низ ҷой дорад.

4.33. Дар сутуни 4 ҳисобот нишон дода мешавад: миқдори мошин – соатҳое, ки дар ҳақиқат дар соли ҳисобот ҳамаи мошинҳои дар баланситашкилоти ҳисоботдиҳанда қарордошта кор кардаанд. Дар ин сутун инчунин миқдори мошин – соатҳое, ки мошинҳои дар охири соли ҳисобот (ба дигар ташкилотҳо) дар асоси акти масраф ё фарсудашавӣ дода шуда, дар давоми дар ташкилоти ҳисоботдиҳанда буданашон кор кардаанд.

Ба вақти кории мошинҳо дохил мешавад: мӯҳлати иҷрои амалиёти ҷараёни технологии адои корҳо дар ҷои кор дар доираи як объекти сохтмон ё аз як объект ба объекти дигар ҳаракат кардани мошин, бекористии технологии кори мошинҳо, тайёр крдани мошинҳо ба кор, дар аввали баст ва дар охири баст супурдани онҳо. Иваз намудани дастгоҳи кории баст (дар сурати аз як баст кам будан), нигоҳубини техникии мошин дар ҳар баст ва дар давоми баст истироҳати мошинист аз рӯи нақшаи муайяншуда.

Вақти ҳамлу нақли мошинҳо ба воситаи нақлиёт аз як объект ба объекти дигар ба вақти корӣ дохил карда намешавад.

Барои мошинҳои чархдори худгард, ки дар ҷои истифода истгоҳи доимӣ доранд, ва ҳар рӯз аз ин макон ба кор мераванду баъди кор ба он ҷо бармегарданд (дар сурате, ки масофа аз 25 – 30 км зиёд набошад), вақти ба ҷои кор рафтан ва баргаштан аз кор сарфшуда ба вақти корӣ ҳамроҳ карда мешавад (сутуни 4).

Дафтари баҳисобгирии бекористии мошинҳои бинокорӣ

барои ____________ с 200  __________________

| Номи мошин, тамға, рақами завод додашуда |
| --- |

| санаи | | ҳамагӣ | Бекористи дар шабонарӯзи тақвими | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба таъмир гузоштани мошинҳо | Кор фармудани мошинҳо баъди таъмир | | Аз он ҷумла бо сабабҳои : | | | | | | |
| | | | Таъмири мувофиқи нақша ё ғайри нақша | | Нигоҳубини техникии мошинҳо | | | | |
| | | | асосӣ | ҷорӣ | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |